# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ТАШХИСИ

**Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА – 033 назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» оид ба диссертатсияи номзадии Раҳмонова Мавзуна Ғафуровна дар мавзӯи «Таҳқиқ-ул-луғот» - и Муҳаммадсаиди Соҳиб» (Масоили матншиносӣ ва шарҳнигорӣ)**

Комиссияи ташхиси Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА – 033 назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» дар ҳайати раис: Абдуқодиров А. – доктори илмҳои филология, профессор, аъзоён: Нуров Н.Н. – номзади илмҳои филология, Аъзамов С.Б. – номзади илмҳои филология оид ба қабул намудани диссертатсияи Раҳмонова Мавзуна Ғафуровна дар мавзӯи «Таҳқиқ-ул-луғот» - и Муҳаммадсаиди Соҳиб» (Масоили матншиносӣ ва шарҳнигорӣ) барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.08 – Назарияи адабиёт, матншиносӣ барои ҳимоя ва муайян кардани рӯзи ҳимоя.

Рисола дар кафедраи адабиёти классикии тоҷики МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ба иҷро расида, дар ҳамин кафедра муҳокима карда шудааст (қарори №9 аз 21.04.2018).

Рисолаи номзадии Раҳмонова Мавзуна Ғафуровна ба таҳқиқи арзиши адабиётшиносии яке аз фарҳангҳои тафсирии Шибҳи Қораи Ҳинд бахшида шудааст. Агар фарҳангҳои тафсирии асримиёнагӣ, хоса фарҳангҳое, ки дорои асноди шоҳиданд, ба доираи таҳқиқ ворид карда шаванд, бисёр масоили мубрами матншиносии осори адабӣва тафсиру ташреҳи мероси адабии суханварони форсу тоҷик ҳалли худро хоҳанд ёфт. Чунки мусаннифони фарҳангҳои тафсирӣ аз донандагони хуби улуми адабӣ маҳсуб ёфта, ҳангоми тадвини луғатномаҳои хеш ба бисёр масъалаҳои суханшиносӣ дахолат кардаанд, ки ба муомилоти илмӣ кашида шудани онҳо амри зарурист. Имрӯз даҳҳо фарҳангҳои тафсирӣ ниёз ба чунин баррасиву таҳқиқ доранд, ки яке аз онҳо «Таҳқиқ-ул-луғот» - и Муҳамммадсаиди Соҳиб Раиси Мирзопур маҳсуб меёбад, ки фарогири як қатор мабоҳиси матншиносиву шарҳнигорист.

Рисолаи илмии Раҳмонова Мавзуна Ғафуровна ба омӯзиши «Таҳқиқ-ул-луғот»-и Муҳаммадсаиди Соҳиб

Раиси Мирзопур ба таҳқиқу бозгӯи масъалаҳои матншиносиву шарҳнависӣ дар он ихтисос дода шудааст.

Афзудан лозим аст, ки дар адабиётшиносии тоҷик тадқиқи ҷойгоҳи луғатномаи мазбур ва арзиши матншиносиву шарҳнигории он мавриди таваҷҷуҳ қарор нагирифтааст. Бинобар ин, интихоби мавзӯи рисолаи илмӣ бисёр муҳим буда, аз аҳамияти хоси назариву амалӣ бархурдор аст.

Ҳадафи асосии пажуҳиши мазкур нишон додани мақоми «Таҳқиқ-ул-луғот» дар илми суханшиносии тоҷик, муайян кардани арзиши адабиву шарҳнигорӣ ва матншиносии он, шинохти афкори интиқодии муаллиф дар ҷараёни кори муаллифи фарҳанг дар шарҳу тавзеҳи истилоҳоти марбут ба адабиётшиносист. Дар ин замина омӯхтан ва таҳлил намудани муносибати фарҳангнигор бо нуқтаи назари пешгузоштагони худ дар заминаи «Чароғи ҳидоят» ва «Ғиёс–ул-луғот»-и Муҳаммад Ғиёсиддини Ромпурӣ.

Рисолаи Раҳмонова Мавзуна Ғафуровна аз муқаддима, се боб, хулоса ва сарчашмаву манобеи илмӣ фароҳам омадааст. Дар навбати худ ҳар як боб аз зерфаслҳо иборат буда, паҳлуҳои мухталифи мавзӯи асосиро ҳаллу фасл намудааст ва муҳтавои рисоларо аз ҳайси мундариҷаву аснод ғанӣ гардонидааст.

Дар муқаддима муаллиф равиши кори илмии хеш ва мақсаду вазифаҳои асосии таҳқиқи мавзӯи мавриди назарро муайян сохтааст.

Дар иртибот ба ин, боби нахустин «Таҳқиқ-ул-луғот», сохт ва сарчашмаҳои он» унвон ёфта, аз ду фаслу чаҳор зерфасл иборат аст ва дар хусуси сохти фарҳанг, сарчашмаҳои он, мисли фарҳангҳо шурӯҳи осори адабӣ, тазкираву тафосир ва осори дигари соҳавӣ иттилоъ медиҳад, ки мусаннифи луғатнома ҳини тадвини асари худ аз онҳо баҳрабардорӣ кардааст.

Боби дуюми рисола «Вижагиҳои асосии «Таҳқиқ-ул-луғот» ва аҳамияти сарчашмавии он» номгузорӣ шуда, низ аз ду фасл ва ҳашт зерфасл иборат аст. Дар ин қисмати рисола муаллиф умдатарин вижагиҳои луғатнома – интихобу танзими моддаҳои луғавӣ, решашиносии луғот, талаффузи саҳеҳи калимаҳо, тавзеҳи маънӣ ва зикри асноди шоҳид, нуктаҳои баҳсталаб дар ташреҳи воҳидҳои луғавӣ, шарҳи анвову авзони шеърӣ ва санъатҳои бадеиро

мавриди пажӯҳиши ҳамаҷониба қарор дода, ба натиҷаҳои назарраси илмӣ расидааст.

Боби сеюм мусаммо ба «Аҳамияти матншиносӣ ва шарҳнигории «Таҳқиқ-ул-луғот» буда, аз ду фасл фароҳам омадааст. Дар фасли якум, ки «Арзиши матншиносии луғатнома» номгузорӣ шудааст, диссертант оид ба ҷой доштани масоили матншиносӣ дар фарҳангҳои тафсирӣ изҳори назар карда, аз ҷумла қайд менамояд, ки имрӯз омӯхтани масоили марбут ба асноди шоҳиди фарҳангҳои тафсирии садаҳои XIV–XIX арзиши хуби адабиётшиносиро пайдо кардааст. Чунки равшанӣ андохтан ба ин масъала, аз як тараф, ҷиҳати бозёфти абёти тоза ва гунаи нави суханварони форсу тоҷик мусоидат намояд, аз тарафи дигар, ғалатхониву ғалатнависии котибон ҳангоми нусхабардории фарҳангҳои тафсирӣ дар мавриди асноди шоҳиди луғатномаҳо ошкор хоҳад гардид, ки аз арзиши хосаи матншиносӣ бархурдоранд. «Аносири шарҳ дар «Таҳқиқ-ул-луғот» унвони фасли дуюми боби сеюми рисола маҳсуб ёфта, оид ба ҷой доштани аносири шарҳнигорӣ дар фарҳангҳои тафсирӣ, аз ҷумла, дар «Таҳқиқ-ул-луғот»-и Муҳаммадсаиди Соҳиб иттилоъ медиҳад. Муаллифи рисола дар ҷараёни таҳқиқ бисёр паҳлуҳои масъалаи мавриди назарро дарёфт намуда, хулосаҳои зарурӣ баровардааст.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои аз таҳқиқ ҳосилшуда дар якчанд банд ҷамъбаст шудааст.

Рӯйхати адабиёт дар асоси меъёр ва талаботҳои ҷорӣ мураттаб гардидааст.

Дар баробари ин дар диссертатсия баъзе камбудиҳо ва ғалатҳо ба назар расидаанд: баъзе иқтибосҳо нисбатан калон буда, зиёда аз як саҳифаро фаро гирифтаанд, диссертатсия ба имлои нави забони тоҷикӣ мутобиқ карда шавад. Феҳрасти адабиёт таҷдиди назар шуда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ гардад.

Эродҳои зикршуда моҳияти илмии диссертатсияро кам намекунанд ва ислоҳшавандаанд.

Мубрамии таҳқиқ, навоварии илмӣ, дараҷаи омӯзиши масъала, аҳамияти назариявию амалии диссертатсияро ба назар гирифта, комиссия ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи номзадии Раҳмонова

Мавзуна Ғафуровна дар мавзӯи “Таҳқиқ–ул-луғот”–и Муҳаммадсаиди Соҳиб” (Масоили матншиносӣ ва шарҳнигорӣ) тадкиқоти ба итмом расидаи комил буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст.

Фишурдаи диссертатсия ва мақолаҳои нашрнамудаи унвонҷӯ фарогири мазмуну мухтавои диссертатсияи илмӣ мебошанд.

Кори диссертатсионии Раҳмонова Мавзуна Ғафуровна дар мавзӯи “Таҳқиқ-ул-луғот”–и Муҳаммадсаиди Соҳиб” (Масоили матншиносӣ ва шарҳнигорӣ) дар аз рӯи ихтисоси 10.01.08 – Назарияи адабиёт, матншиносӣ мувофиқ буда, муқаррizi расмии он иваз карда шуда, онро ба дифоъ пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи ташхис адабиётшиносони зеринро, ки корҳои илмию тадқиқотиашон ба ихтисоси 10.01.08 – Назарияи адабиёт, матншиносӣ мувофиқ аст, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

**Муқаррizi расмии аввал** – доктори илмҳои филологӣ, и.в.профессори кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав Муродиён Ҳасан Ғуломзода.

**Муқаррizi расмии дуюм** – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, муовини директори филиали «Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар вилояти Суғд» Рустамов Шавкатҷон Раҳимович.

**Муассисаи пешбар** - Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

**Раиси комиссияи ташхиси шӯрои дифоъ:**
**доктори илмҳои**
**филологӣ, профессор** Абдуқодиров А.

**Аъзои комиссияи ташхиси шӯрои дифоъ:**
**номзади илмҳои**
**филологӣ, дотсент** Аъзамов С.Б.
**номзади илмҳои**
**филологӣ, дотсент** Нуров Н.Н.

**Имзоҳои ҳайати комиссияи ташхисро тасдиқ мекунам:**
**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА – 033**
**номзади илмҳои**
**филологӣ, дотсент** Шарипова М.З.